# ТАҚРИЗИ

**Муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Ҳусейнов Умарҷон Мирхоҷаевич дар мавзӯи «Коркарди композитсия дар асоси доруворӣ масунфаъоли тимогар, растаниҳои шифобахши барги зуф (Plantagomajor L.) ва пудинаи боғӣ (Mentha piperita L)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи хтисоси 03.01.04- биохимия пешниҳод шудааст.**

**Мубрамияти мавзӯи диссертатсия.** Илми тиби имрӯза ба истифодаи доруворӣҳои масунфаъол ва иловагиҳои фаъоли биологӣ, ки хосияти мутобиққунӣ дошта, муқовимати организмро нисбат ба шароити номусоиди муҳити атроф афзун менамоянд, ниёз дорад.

Аз ин лиҳоз, ҳоло тайёр кардани доруворӣҳо аз моддаҳои фаъоли биологии растаниҳои шифобахш, ки дорои қобилияти таъсири системавӣ ба равандҳои патологӣ доранд, яке аз масъалаҳои мубрам ва муҳим ба ҳисоб меравад, ки дар диссертатсияи илмии унвонҷӯ Ҳусейнов У.М., мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифтааст.

Сохтори диссертатсияи номзадӣ анъанавӣ буда, он аз муқаддима, се боб хулоса ва феҳрасти адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддима ба таври маъмул аҳамияту мубрамияти диссертатсияи номзадӣ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаи тадқиқот, бозёфти илмии диссертатсия, усулҳои омӯзиш, аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсия баррасӣ шудаанд. Муқаддимаи диссертатсия аз ҷиҳати бандубаст, сохтор ва ҷобаҷогузории бахшҳо дуруст тарҳрезӣ шудааст.

Боби якуми диссертатсияи номзадӣ ба шарҳи адабиёт иртибот дошта, дар он унвонҷӯ оид ба ҳолатҳои норасоии масунияти бадан, тағйироти назаррас дар системаи масунияти бадан, ҳадафи асосии системаи муҳофизатии бадан, моҳият ва накши моддаҳои фаъоли биологӣ дар тақвият ва мустаҳкам намудани масунияти бадан, аз асарҳои олимон иктибосҳои зиёде овардааст. Унвонҷӯ дар боби якум дар бораи пептидҳои зиддимикробии рустанигӣ, гиёҳҳои шифобахши ба сифати масуниятмодуляторҳо истифодашаванда, коҳиш додани сатҳи гематотоксикии ситостатикҳо тавассути маводи доругӣ дар асоси рустаниҳои доругӣ, категориҳои пептидҳо, усулҳои асосии синтези пептидҳо, тавассути методи азидӣ, синтези пептидҳо, марҳилаҳои методи азидӣ, методҳои физикию химиявии таҳлили моддаҳои фаъоли биологии рустаниҳои шифобахш ва хроматографияи тунуккабатаро шарҳ додааст.

Дар боби якуми диссертатсияи илмӣ оид ба ҳамоиши мутаносиби пептидҳои биофаъол ва моддаҳои фаъоли биологии табиӣ дар таркиби растаниҳои шифобахш, ки боиси бештар гардидани самараи таъсири доруворӣҳои сохташуда мегарданд, маълумот оварда шудааст. Аз ин рӯ,

муаллиф дар асоси тимогар ва моддаҳои фаъоли биологии рустаниҳои шифобахши барги зуф ва пудинаи боғӣ кор карда баромадани дорувории муосири масунфаъолро пешниҳод менамояд. Барои синтези тимогар (дипептиди изолейсил-триптофан) методи азидӣ интихоб карда шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия ба таври муфассал оиди методикаи ба даст овардани композитсияи дорувории тимогар, барги зуф ва пудинаи боғӣ шарҳ дода шудааст. Ба сифати мавод, барг ва пояҳои зуф (Plantago major L.) инчунин пудинаи боғӣ (Mentha piperita L.)-и дар моҳи августи соли 2016 дар водии Рашти Тоҷикистон ҷамъоварӣ шуда, мавриди истифода қарор гирифтааст.

Ҳангоми омӯзиши хосиятҳои биологӣ композитсияи дар асоси маҳлули обӣ-спиртии растании барги зуф, пудинаи боғӣ ва доруворӣи тимогар ҳосилшуда интихоб гардид. Муайянсозии дараҷаи заҳрнокии маводи обӣ-спиртии аз шираи умумии рустаниҳои мавриди назар ва композитсияи ҳосилгардида дар ҳайвоноти мавриди озмоиш қарор гирифта (мушҳо) бо роҳи воридсозии пероралӣ сурат гирифтаст.

Таҳқиқи мизони заҳрнок будани $LD_{50}$-и шираи умумии обӣ ва обӣ-спиртии маҳлулҳои барги зуф ва пудинаи боғӣ, инчунин композитсияи онҳо бо доруи тимогар аз рӯи методи пазируфташудаи умумӣ гузаронида шудаст. Барои ҳисоби нишондиҳандаҳои заҳрнокии шадиди композитсия методи пробит-таҳлил аз рӯи муқаррароти Литчфилд ва Уилкогсон истифода гардидааст. Дараҷаи хавфнокии композитсияи бадастовардашуда мувофиқи ГОСТ 12.1.007-76 муайян карда шудааст.

Натиҷаҳои диссертатсияи номзадӣ дар боби 3 дарҷ гардидаанд. Аз натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки бо назардошти маълумоти адабиёти илмӣ дар бораи хосиятҳои биологӣ ва фармакологии доруворӣи тимогар, истифодаи рустаниҳои барги зуф ва пудинаи боғӣ дар табобати бемориҳо чӣ дар алоҳидагӣ ва чӣ дар таркиби комбинатсияҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Композитсияи пешниҳодшуда дар асоси доруворӣи тимогар, шираҳои маҷмӯии барги зуф ва пудинаи боғиро барои табобати бемориҳои ҷигар, гипертония, касалии қанд, вайроншавии раванди хунгардии майнаи сар, гурдаҳо, аломатҳои хасташавии дурударoз бемориҳои дилу рагҳо пешниҳод мегардад. Он кори системаи асабро беҳтар мегардонад, ба хунгардӣ беҳбудӣ мебахшад, дараҷаи холестеринро паст мекунад, ҳангоми бемориҳои диққи нафас ва сулфа ҳолати организмро беҳтар мегардонад.

Саҳми шахсии унвонҷӯ Ҳусейнов У.М. дар ҷараёни кор аз мушаххас кардани вазифаҳои таҳқиқот, интихоби усули синтези

пептидҳо, интихоби варианти оптималии сохти композитсия дар асоси дорувории муайян ва рустаниҳои шифобахш, методология ва гузаронидани озмоиш, ҷамъоварӣ ва коркарди натиҷаҳои озмоишҳо, таҳияи хулосаҳои диссертатсия иборат аст.

Дар асоси таҳқиқоти ба анҷомрасида композитсияи созмоншударо барои пешниҳод ва гирифтани иҷозат ҷиҳати гузаронидан аз озмоиши клиникӣ тавсия додан мумкин аст. Пас аз бомуваффақият гузаронидани таҳқиқотҳои клиникӣ композитсияи бадастовардашударо дар соҳаи тиб ҳамчун иловагиҳои фаъоли биологӣ пешниҳод намудан мумкин аст.

Дар умум, унвонҷӯ Ҳусейнов Умарҷон Мирхоҷаевич вазифаҳои дар пешгузоштаи худро иҷро намуда, натиҷаҳои беҳтаринро аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ ба даст овардааст.

Хулосаҳо дақиқ буда, асоснок карда шудаанд ва пурра натиҷаҳои таҳқиқотро фаро мегиранд. Диссертатсияи номзадӣ мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Автореферат ва мақолаҳои нашргардида моҳияти асосии корро инъикос менамояд.

**Эродҳо оид ба баъзе камбудиҳои диссертатсия**

Новобаста ба муваффақиятҳои бадастовардаи муаллиф, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар диссертатсия адабиёти муосир оид ба мавзӯъ кам ба чашм мерасанд.

2. Диссертатсия аз хатогиҳои имлоӣ холӣ нест.

3. Хулосаи диссертатсия каме умумӣ буда, натиҷаҳои илмиро пурра инъикос накардааст.

4. Оиди усулҳои таҳқиқ ва омӯзиш маълумоти мукаммал оварда нашудааст.

Камбудиҳои дар боло зикршуда ба сифати кори илмӣ таъсир намерасонад. Диссертатсияи номзадии унвонҷӯ Ҳусейнов У.М. дар мавзӯи Коркарди композитсия дар асоси дорувории масунфаъоли тимогар, рустаниҳои шифобахши барги зуф (Plantago major L.) ва пудинаи боғӣ (Mentha piperita L.), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.01.04 – биохимия пешниҳод шудааст дар кафедраи химияи органикӣ ва биологии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

Кори ба анҷом расонида шуда натиҷаҳои навтаринро фаро гирифта, дар оянда пас аз омӯзиши иловагӣ, ҳамчун маводи доругӣ барои табобатӣ диабети қанд мувофиқ мебошанд.

Аз рӯи мубрамият, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯроҳои диссертатсионӣ, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҳусейнов Умарҷон Мирхоҷаевич ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯи ихтисоси 03.01.04- биохимия арзанда аст.


Дотсенти кафедраи химияи
Донишгохи техногии Тоҷикистон ________ Мирзораҳимов Қ.К.
Тел: (+992372) 2345672,
Email: nauka 2015@.mail.ru.


Имзои Қ.К. Мирзораҳимовро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДТТ ________ Бухориев Н.А.